## ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти азхуд намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятнокии қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касбомӯзӣ, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, салоҳияти алоқадорӣ, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намояд. Ин тағйирот ҷомеа ва муассисаҳои таълимиро, ки дар ҷараёни ислоҳот қарор доранд, канор нагузошта, ба тамоми ҷанбаҳои раванди таълиму тарбия бевосита ё бавосита таъсир мерасонад.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи рисолаи мазкур басо муҳим буда, барои ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим нақши бориз дорад.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар баробари ба хонандагон додани дониши чуқур ва устувор, дар назди муассисаҳои таълимии муосир вазифа гузошта мешавад, ки тавоноии эҷодии ҳар як хонандаро барои иҷтимоишавӣ инкишоф дода, дар хонандагон ташаккул додани чунин маҳорату малакаро ташаккул диҳанд, ки тавассути он мустақилона тавонанд донишҳои навро ноил гарданд ва худро ба зиндагӣ мутобиқ созанд.

Рисолаи илмии муҳаққиқ, Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзу
“Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагон
синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим» маҳз б
таҳқиқи масъалаи мазкур, принсипу усулҳои умумиилмӣ: принсипҳо
мунтазам, маҷмӯӣ, таърихӣ, принсипҳои илова ва бардавомӣ, муносибат
субъективию фаъолиятӣ, усулҳои илмӣ ва ғайра истифода шуда, асос
назариявӣ ва методологии таҳқиқотро корҳои илмию таҳқиқоти
олимони шинохтаи ватанию хориҷӣ, ки ба паҳлӯҳои гуногуни мавзу
таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар боби ин самт корҳои муҳиммеро б
сомон расонидаанд, таҳқиқ гардидааст.

Тарҳи рисола тибқи талабот ба диссертатсияҳои номзадӣ а
муқаддима, ду боб, ҳар боб аз 3 зербоб, хулосаи бобҳо, хулосаи умум
рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 180 саҳифа
чопи компютериро дар бар мегирад. Дар муқаддима аҳамияту дараҷа
омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳову усулҳо
пажуҳиш, навгониҳо, арзиши назариявию амалии рисола, нуқтаҳо
асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия аз назари илмӣ дуруст
муайян карда шудаанд.

Дар қисмати муқаддимавии диссертатсия талабот доир ба иҷро
кори таҳқиқотӣ риоя гардида, ҳар бахш бо низоми муайян пай дар па
оварда шудаанд.

Муқаддимаи диссертатсия ба асоснокнамоии аҳамияти мавзу
таҳқиқот, муайян намудани объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои о
таъйини асосҳои методологӣ, марҳала ва методҳои таҳқиқот, муайя
гардидани навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, нуқтаҳои ба дифо
пешниҳодшаванда бахшида шудааст. Дар боби аввал - «Истифода
методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ
хонандагони синфҳои ибтидоӣ» диққати бештар ба масъалаи технологи
таълими фаъол дар дарсҳои синфҳои ибтидоӣ дода шуда, асосҳо
методологии фаъолияти хонандагон дар синфҳои ибтидоиро аз мавқ

назария ва амалияи илмӣ, вазъи таҳқиқи муаммо дар илми ватаниву хориҷӣ, роҳҳои методологии таҳқиқи илмӣ ва омӯзиши амалӣ баррасӣ шудааст.

Дар боби дуюми рисола “Методҳои фаъоли таълим ва фаъолияти инноватсионӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ” номгузорӣ гардида, дар ҳаҷми се зербоб ҳаллу фасл гардидааст.

Дар ин қисматҳо муҳаққиқ доир ба гузаронидани мониторинги сифати таълим беҳтар гардонидани омодагии умумии хонандагон тавассути муайян намудани мушкилот ва корҳои мақсаднокиислоҳнамоӣ муҳим шуморида, дар назди худ, ҳамчун омӯзгор ва муҳаққиқ **вазифаҳои** зеринро мегузорад:

- муайян намудани дастовардҳои хонандагон аз мавузи фанни омӯхташаванда;
- татбиқи имкониятҳои фардӣ ва тавоноии хонандагон;
- назорати натиҷаи фаъолияти таълимии хонандагон аз фанҳои таълимӣ.

Дар қисмати дигар доир ба «Озмоиш ва таҷрибаи педагогӣ дар тағйир додани андешаронии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар доираи навсозии таҳсилот» мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯ, ки дар рисолаи илмӣ баён гардидаанд:

- манфиатнокии методҳои фаъоли таълим ва муносибати инноватсионӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор карда шуд;
- технологияи нави ворид намудани барномаҳои давлатӣ дар мутобиқат ба китоби дарсӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- истифодаи методҳои фаъоли таълим дар шароити вариантивии мазмуни таҳсилот, муносибати тафриқавӣ ба барномаҳои таълимӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- коркарди тавсияҳо барои роҳбарон ва омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагон.

Натиҷаи дар раванди таҳқиқот ба даст омада паҳлуҳои мубрами асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоиро бо истифода аз методҳои фаъоли таълим дар бар гирифта, ҳамчун сарчашмаҳои назариявии таҳқиқот хизмат мекунад. Диссертатсия мавқеи истифода аз методҳои фаъоли таълимро дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ҳамчун заминаи бунёдӣ-методологии ташаккули салоҳиятмандӣ ишора менамояд. Роҳу равиши вусъатбахшии салоҳияти иртиботӣ, муоширати хонандагони синфҳои ибтидоӣ, чун омили боэътимоди рушди салоҳияти иҷтимоӣ дар зинаи ниҳоии таҳсилот-синфҳои ибтидоӣ мавриди ҳаллу фасл қарор гирифтааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки маводи диссертатсияро метавон ҳамчун василаи таъминоти методӣ барои ташаккул додани салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим истифода намуд. Боиси зикр аст, ки натиҷаҳои дастрасшуда ва хулосаҳо метавонанд дар ташкили раванди омӯзишу парвариш дар МТМУ-и ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор ёбанд.

Саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи вобаста ба таҳқиқот; дар пажуҳиши дурусти таҳқоқотҳои назариявӣ ва амалӣ, гирдоварӣ ва таҳлили мавод; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи корҳои озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаи коркарди маводҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри

мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия инъикос меёбад.

Муаллиф интихоби усул ва тарзи таълим, амалигардонӣ ва санҷиши бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоиширо босамар ба роҳ монда, барои ба анҷом расонидани рисолаи диссертатсионӣ ва фишурдаи он, таҳияву нашри мақолаҳои илмӣ, гузориш дар конференсияву семинарҳо мутташакилона фаъолият намудааст. Аз ҷумла, 5 адад мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба проблемаҳои асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим, ки дар ҷадвалу диаграммаҳо оварда шудааст, ҷолиби диққат мебошад, ки вобаста ба объекти омӯзиш ба роҳ монда шуда, аз таҳлили омори математикӣ иборат аст, ки хоси таҳқиқоти педагогӣ –иҷтимоӣ мебошад.

Аз нуқтаи назари мо, рисолаи илмии Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим” таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар педагогикаи ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари муваффақиятҳои зикршуда, дар рисола баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи он хеле муфиданд:

1. Беҳтар мешуд агар муаллиф оид ба ҷабҳаҳои назариявиву методологии мавзуи мазкур васеътар истода мегузашт.

2. Хуб мешуд, ҳангоми таҳияи монография аз натиҷаи ин таҳқиқот боз ҳам шумораи бештари мисолҳои амалиро ҷиҳати асоснок намудани нуқтаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодгардида истифода намояд.

3. Дар баъзе саҳифаҳои кори диссертатсионӣ ва фишурдаи он

ғалатҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳриру тасҳеҳ ниёз доранд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси рисолаи илмии Окимшоева Рухсора Суробовнаро дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим" ва мазмуни мавзуи таҳқиқшударо халалдор намекунад. Кори диссертатсионӣ анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим" кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Автореферат, дастур ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Окимшоева

Рухсора Суробовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи педагогикаи умумии
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мансурова Ҷ.С.

11.12.2023 с.

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, info@tgpu.tj www: tgpu.tj

Имзои Ҷ.С. Мансуроваро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.